«Тасдиқ мекунам»

Ректори ДДОТ ба номи

Садриддин Айнӣ

профессор

_____ Н.У. Ғаффорӣ

«___» _____ 2022

ХУЛОСАИ

Шурои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Диссертатсияи Каримов Қадриддин Облобердиевич дар мавзуи **«Таҳлили муқоисавии ақидаҳои маорифпарварии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш» ҷиҳати дарёфти дараҷаи доктор PhD – и фалсафа аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – фалсафа,** дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ичро гардида, барои муҳокима пешниҳод шудааст.

Дар давраи таҳия намудани диссертатсия Каримов Қадриддин Облобердиевич докторанти PhD, аз рӯйи ихтисоси фалсафа дар назди кафедраи фалсафаи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ маҳсуб меёфт. Ҳамзамон, дар кафедраи фалсафаи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ ба ҳайси ассистент кор ва фаъолият намудааст.

Роҳбари илмии Каримов Қ.О. доктори илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ Султонзода С.А. мебошад. Аз рӯйи натиҷаи муҳокимаи диссертатсияи докторант Каримов Қ.О. хулосаи зерин қабул карда шуд:

Диссертатсияи Каримов Қадриддин Облобердиевич дар мавзуи **«Таҳлили муқоисавии ақидаҳои маорифпарварии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш»** таҳқиқоти комилу анҷомёфтаи илмиест, ки дорои аҳамияти назариявию амалӣ мебошад. Диссертатсия дар ҷаласаи васеи Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин

Айнӣ муҳокима гардида, барои ҳимоя тавсия дода шуд ва чунин хулоса пешниҳод гардид:

Муаллиф дар пажуҳиши масъалаи осори маорифпарвар, файласуф ва педагоги фаронсавӣ Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш - мутафаккири тоҷик, поягузори равияи маорифпарварӣ дар Осиёи Марказӣ таъкид намудааст, ки осори ин мутафаккирон ҷузъи фарҳанг, сармояи маънавии ташаккули қобилияти зеҳнии инсоният маҳсуб меёбанд. Зеро мазмун ва моҳияти онҳоро мавзӯъҳое ташкил медиҳанд, ки дархӯри талаботи ҷомеаи муосир, аз ҷумла масъалаи дарки мафҳуми инсон, системанок ба роҳ мондани раванди таълиму тарбия ва ба камол расонидани инсон, таъсиси оила ва риояи талаботи никоҳ, таъсиси ҷомеа ва риояи принсипҳои адолат ва баробарии иҷтимоӣ ҳангоми иҷро кардани усулҳои идоракунии давлат, дар маҷмуъ, муносибати инсон нисбат ба табиат ва худии худ ҷиҳати пайдо кардани ҷойгоҳи мувофиқ дар раванди муносибатҳои иҷтимоӣ ва ғайра мебошанд.

Аз ин рӯ, таҳқиқ ва мутолиаи ин бозёфтҳои маънавӣ дар мадди аввал аз он ҷиҳат муҳим мебошанд, ки ҳама гуна зиддиятҳое, ки дар назарияи тарбияи муосир ҷиҳати ҳалли мушкилоти фаҳмиши инсон ва ба камол расонидани ӯ ҳамчун субъект ба миён меоянд, бартараф менамоянд. Аз тарафи дигар, афкори фалсафии ҳар ду мутафаккир ҷанбаи ратсионалистӣ дошта, ҳаллу баррасии масъалаҳои мавҷударо дар мизони ақл пешниҳод мекунанд ва ба неруи созандаи ақл бовар доранд.

Бо назардошти гуфтаҳои қаблӣ таҳқиқи масъалаи мазкур низ аз он ҷиҳат аҳамиятнок аст:

1) дар асоси ба эътибор гирифтани арзишҳои ду фарҳанг: Аврупо ва Шарқ хонанда ва пажуҳишгар метавонад маълумоти воқеиро оид ба сарчашмаҳои пайдоиш, ҷиҳатҳои умумиятдошта ва хусусиятҳои фарқкунандаи равияи маорифпарварӣ, марҳилаҳои рушди он дар Франсия ва Осиёи Миёна ба даст оварад;

2) ба пешниҳоду тавсияҳои Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш нисбати тағйир додани сохтори идораи сиёсии ҷомеа, ки дар натиҷа барои

ба вуҷуд омадани ҷунбишҳои гуногуни фикрию инқилобӣ дар Франсия ва Осиёи Миёна ҳамчун замина нақш бозиданд, шинос гардад;

3) идеяи мутафаккирон дар бобати он ки нобаробариҳои иҷтимоӣ бузургтарин фасоди ҷомеа буда, аз моликият сарчашма мегиранд, идеали масъулини идораҳои давлатӣ ҷиҳати риояи адолати иҷтимоӣ ва роҳ надодан ба нобаробариҳои ҷамъиятӣ бошад;

4) халқро ҳамчун манбаи ҳокимият эътироф карда, дар ҳалли масъалаҳои меҳварии ҷомеа райъи онҳоро ба эътибор гирифтан аз рукнҳои асосии ҷомеаи демократӣ мебошад, ки ҳар ду мутафаккир аз он ҷонибдорӣ мекунанд;

5) тибқи талаботи консепсияи тарбияи табиии Ж.Ж. Руссо ва назарияи тарбияи Аҳмади Дониш барои ташаккули инсон нақши се омил муҳим аст: табиат, муҳити иҷтимоӣ ва моликият. Ин омилҳо имрӯз низ барои тарбия ва ба камол расонидани инсон нақши муассир доранд ва аз актуалӣ будани идеяҳои маорифпарварон гувоҳӣ медиҳанд.

Мубрамияти илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқи ин масъалаҳо зарурати пажуҳиши мавзӯи мазкурро ба миён овард.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он хулоса мешавад, ки бори аввал:

- дар Фаронса ва Осиёи Миёна пайдоиши маорифпарварӣ дар доираи нишон додани ҷиҳатҳои умумиятдошта ва хусусиятҳои фарқкунадаи он таҳқиқ карда шуданд;

- шарҳи ҳол ва мазмуну моҳияти осори Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш ба таври мухтасар мавриди таҳлил ва муқоиса қарор гирифтанд;

- сарчашмаҳои идеявии ташаккулёбии ақидаҳои маорифпарварии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш дар чорчӯбаи маъхазҳои илмӣ-таърихӣ асоснок карда шуданд;

- вазъи баррасии масъалаи инсон ва иртиботи ӯ бо ҷомеа дар таълимоти Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш дар доираи асарҳои бунёдии онҳо мавриди таҳлил ва муқоиса қарор гирифтанд;

- моҳияти фалсафии консепсияи тарбияи табиии Жан Жак Руссо ва ҷиҳатҳои умумиятдошта ва хусусиятҳои фарққунандаи он аз назарияи тарбияи Аҳмади Дониш илман таҳқиқ ва нишон дода шуданд;

- таъсири ақидаҳои маорифпарварии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш дар ташаккули афкори фалсафии ҳамасрон ва мутафаккирони баъдина мавриди таҳлилу муқоиса қарор дода шуданд.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия. Натиҷаҳои бадастомада, хулосаю тавсияҳои кори илмӣ барои масъулин ва кормандони соҳаи маориф ва фарҳанг, Кумитаи занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ба танзим даровардан ва назорат кардани раванди таълиму тарбия, иҷрои вазифаю уҳдадориҳои волидайн дар таълиму тарбияи фарзанд аҳамияти назарӣ ва амалӣ доранд.

Маводи кори таҳқиқотиро барои ташаккул додани тасаввуроти умумӣ дар бораи пайдоиши равияи маорифпарварӣ дар Фаронса ва Осиёи Миёна, муайян кардани ҷанбаҳои умумиятдошта ва хусусиятҳои фарққунандаи он ба донишҷӯён, унвонҷӯён ва муҳаққиқони соҳаҳои илмҳои иҷтимоӣ-гуманитарӣ мавриди назар гирифтан мумкин аст.

Ҳамзамон маводи диссертатсия барои таҳия намудани рисолаҳои илмии зинаҳои таҳсилоти бакалавриат ва магистратура, китобҳои дарсӣ аз соҳаҳои илмҳои хусусияти иҷтимоӣ ва тарбиявидошта манфиатнок мебошад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Каримов Қадриддин Облобердиевич дар мавзуи **«Таҳлили муқоисавии ақидаҳои маорифпарварии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш»** пажуҳиши комилу анҷомёфта ба ҳисоб меравад.

Автореферат ба мазмун ва муҳтавои диссертатсия мувофиқ мебошад.

Истифодаи мавод ва усул, инчунин методологияи таҳқиқоти гузаронидашуда ба ихтисоси 6D020100 – фалсафа мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз рӯйи натиҷаҳои бадастомада, татбиқи амалӣ ва тартиби омодасозӣ ба талаботи Низомномаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад.

Диссертатсияи Каримов Қадриддин Облобердиевич дар мавзуи **«Таҳлили муқоисавии ақидаҳои маорифпарварии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш»** ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 - фалсафа тавсия дода мешавад.

Хулоса дар маҷлиси васеи Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, 6-уми майи соли 2022 қабул гардидааст.

Дар маҷлис 34 нафар иштирок доштанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 34 нафар; «муқобил» - нест; «бетараф» -нест. Протоколи **№11/5.4 (а)** аз 6-уми майи соли 2022.

Раиси ҷаласа:
Раиси Шурои олимони
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ,
д.и.т. профессор: Ғаффорӣ Н.У.

Муқарризон:
Сарходими илмии шуъбаи таърихи
фалсафаи Институти фалсафа,
сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи
ба номи А. Баҳоваддинови
АМИТ д.и.ф., профессор: Маҳмадҷонова М.Т.

Устоди кафедраи фалсафаи
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ,
д.и.ф., профессор: Назариев Р.З.

Котиби ҷаласа: Бердиёров Д.М.

Тасдиқ мекунам
имзоҳои болоро:

Назаров Ф.Ҳ.